آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

17 феврали соли 2024
Шанбе
№ 14 (15025)



e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ҚУЛЛАҲОИ НАВИ ТАРАҚҚИЁТИ ВИЛОЯТИ АНДИҶОН МУАЙЯН ГАРДИДАНД

## ПРЕЗИДЕНТ ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ 15-16 ФЕВРАЛ АЗ ВИЛОЯТИ АНДИҶОН БОЗДИД БА АМАЛ ОВАРД.





Рӯзи дуюми сафар аз шиносоӣ бо ҳаёти маҳаллаи «Янги ҳаёт» дар шаҳри Хонобод шурӯъ гардид.

Хонобод ҳудуди шарқии мамлакати мост. Аз сабаби он ки дар сарҳад ҷойгир шудааст, шаҳри пӯшида буд. Дар натиҷаи дигаргуниҳои солҳои охир ва сиёсати некҳамсоягӣ Хонобод кушода шуд, иқтисодиёти он хеле беҳтар гардид, дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ баланд шуд. Имрӯз дар ин ҷо сайёҳӣ, саноат, сабзавоткорӣ ва соҳаи хизматрасонӣ ривоҷ ёфтааст.

Намояндагони маҳаллаи «Янги ҳаёт» ба сарвари давлат аз шароити зиндагии мардум нақл карданд.

Дар ин ҷо зиёда аз 3,5 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд. Дар муассисаҳои томактабӣ, мактабу коллеҷҳо барои таълиму тарбияи босифат ҳамаи шароит мавҷуд аст. Сокинон асосан дар мавзеъҳои истироҳатии кӯҳистон, дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва хоҷагиҳои шахсӣ кор мекунанд.

Ғайр аз ин, зиёда аз даҳ хонаи меҳмонӣ, қариб бист мағоза, сартарошхона, марказҳои хидматрасонӣ мавҷуданд. Соли гузашта беш аз сад нафар сокинони бекори маҳалла ба корҳои доимӣ ва мавсимӣ ҷалб карда шуданд. Боз 181 нафар шаҳрвандон соҳиби кори худ шуданд.

Мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 21 декабри соли 2023 нақши ниҳоди маҳалла дар ҷамъият ва дар ҳалли мушкилоти аҳолӣ ҳамчун звенои ибтидоӣ пурзӯр гардид. «Ҳафтгонаи маҳалла», ки раиси маҳалла, ёвари ҳоким, фаъоли корҳои бонувон, пешвои ҷавонон, нозири профилактика, корманди андоз ва хидмати иҷтимоиро фаро мегирад, ташкил карда шуд.

Сарвари давлат бо намояндагони ин низом суҳбат кард.

– Мо аз рӯзҳои аввал бо мардум мулоқотро ба роҳ мондем, кӯшиш мекунем, ки халқ қаноатманд бошад. Бинобар ин мо низоми маҳалларо ҳамчун звенои ибтидоӣ инкишоф медиҳем. Маҳалла асоси ҷомеаи шаҳрвандӣ ва овози мардум мебошад. Намояндагони давлат дар маҳалла бо истифода аз ваколату воситаҳои пешбинишуда бояд ҷаҳонбинии худро тағйир диҳанд ва ба дархости мардум посух диҳанд. Боварӣ дорам, ки маҳаллаи «Янги ҳаёт» барои Ӯзбекистон намуна мешавад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент нуқтаҳои савдо ва хидматрасонии гузари маҳалларо аз назар гузаронд.

Президент аз хонаи Салоҳиддин Усмонов, ки дар маҳаллаи «Янги ҳаёт»-и шаҳри Хонобод зиндагӣ мекунад, дидан кард.

Сарвари оила ва ҳамсараш Зиёдаапа ду фарзандро ба воя расонданд. Хона намуди замонавӣ дошта, дар бом панелҳои офтобӣ насб карда шудаанд. Низоми алоҳидаи гармидиҳии каммасраф низ насб карда шудааст.

Солҳои охир дар Хонобод туризм ривоҷ меёбад. Инфрасохтор беҳтар мешавад, сайёҳон меоянд. Бо истифода аз ин имкониятҳо дар хона ҳуҷраҳои меҳмонон ташкил карда шудаанд.

С. Усмонов – мутахассиси хоҷагии қишлоқ. Онҳо инчунин занбуруғ парвариш мекунанд.

Сарвари давлат кордонии соҳибони хонаро маъқул дониста, аҳамияти истифодаи таҷрибаи онҳоро дар дигар ҷойҳо таъкид кард.

– Ҳар як маҳалла имконот, урфу одат ва хоҳишу ормонҳои худро дорад. Агар ассотсиатсияи маҳаллаҳо ва намояндагони маҷмӯи иқтисодӣ онҳоро муайян ва дастгирӣ кунанд, аҳолиро банд карда, манбаи даромад ба вуҷуд овардан мумкин аст. Аз ин рӯ, мо ба рушди минтақаҳо дар маҳаллаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тамоми роҳбарони масъулро ба зинаи поён мефурорем, – гуфт Президент.

Сипас дар шаҳри Хонобод зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев ҷамъомад оид ба масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Андиҷон баргузор гардид.

Дар вилояти Андиҷон саноат, соҳибкорӣ, хоҷагии қишлоқ, сайёҳӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ инкишоф меёбанд. Ҳамзамон ҳанӯз имконоти истифоданашуда зиёд аст.

Дар ҷамъомад нуқтаҳои рушд номбар гардида, чорабиниҳо ва масъулони ба кор андохтани онҳо муайян карда шуданд.

Соли ҷорӣ бошад дар Андиҷон сохтмони 190 иморати бисёрошёна, таъмини 7 ҳазор оила бо манзили нав, бунёди мавзеи Ӯзбекистони Нав дар ноҳияи Асака ба нақша гирифта шудааст.

Таҷрибаи Андиҷон оид ба ободонӣ ва сабзгардонии маҳаллаҳо ба эътибор гирифта мешавад. Маҳаллаҳо амиқан ба парвариши меваву сабзавот, чорводорӣ, ҳунармандӣ, хонакорӣ, саноат, савдо ва хидматрасонӣ ихтисос меёбанд. Ба ин мақсадҳо 850 миллиард сӯм захираи кредит ва 50 миллиард сӯм субсид ихтисос меёбад.

Барои беҳсозии хидматрасонии нақлиёт хати роҳи оҳан аз Хонобод то Асака ба кор андохта шуда, миқдори поезд ва автобусҳо аз Андиҷон ба шаҳрҳои дигари мамлакат зиёд карда мешаванд. Оид ба сохтмони НБО-ҳои хурд ва майда, таъмири шабакаҳои электрикӣ ва роҳҳо супориш дода шуд.

Дараҷаи бекорӣ дар вилоят то 7 фоиз коҳиш ёфт. Даромади аҳолӣ аз соҳибкорӣ 1,5 баробар афзуд. 225 ҳазор нафар бо худбандкунӣ фаро гирифта шудааст.

Аммо боз 400 ҳазор нафарро аз вазъи қашшоқӣ баровардa, хатмкунандагони мактабро бо шуғл бояд фаро гирифт. Бо ин мақсад ба онҳо касб омӯзонда шуда, бо кредитҳои имтиёзнок таъмин мегарданд ва ба соҳибкорӣ ҷалб карда мешаванд. Дар асоси таҷрибаи Чин дар ҳошияҳои маҳаллаҳо гармхонаҳо ба вуҷуд оварда мешаванд, ки онҳо ба ихтиёри оилаҳои эҳтиёҷманд дода мешаванд. Ҷавонон барилова ба технологияи иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ омӯзонда мешаванд.

Дар вилояти Андиҷон 12 корхонаи бузург ва беш аз 160 корхонаи маҳаллии автомобилсозӣ фаъолият дорад. Дар онҳо 17 ҳазор нафар банд аст. Барои минбаъд афзоиш додани ҷойҳои корӣ истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ ва такмилдиҳанда дар асоси ҳамкорӣ дар маҳаллаҳо васеъ карда мешаванд. Дар ноҳияи Булоқбошӣ истеҳсоли кошиҳои сафолӣ, дар ноҳияҳои Марҳамат ва Баликчӣ истеҳсоли чинворӣ ташкил карда мешавад.

Дар вилоят имконияти то 100 фоиз расондани дараҷаи азнавкоркарди пахта мавҷуд аст. Соли ҷорӣ лоиҳаи рангдиҳӣ ва дӯхтани либоси тайёр ба қимати 150 миллион доллар бо фароҳам овардани 6 ҳазор ҷойи корӣ ба поён мерасад. Ба корхонаҳои бофандагӣ тарроҳон аз Италия ҷалб карда мешаванд. Дар ноҳияи Олтинкӯл маҷмӯаи истеҳсоли мебел ба вуҷуд оварда мешавад.

Ҳафт лоиҳа дар заминаи истеҳсоли дорувории таркибаш мураккаб ва таҷҳизоти тиббӣ ба амал татбиқ мегардад. Якҷоя бо муассисаи таълими олӣ кластери дорусозӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Байни вилояти Андиҷон ва сармоягузорони Чин ба миқдори 3 миллиард доллар қарордод ба имзо расидааст. 1 миллиарди онро аллакай имсол ҷалб намудан мумкин. Бо ин мақсад дар ноҳияи Андиҷон дар майдони 218 гектар минтақаи озоди иқтисодии «Роҳи абрешим» ба вуҷуд оварда мешавад. Ба сармоягузорон имтиёзоти зиёди андоз ва гумрук вогузошта мешавад, ки барои минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешбинӣ гаштаанд. Ғайр аз ин, ба қитъаҳои озоди минтақаҳои саноатӣ лоиҳаҳо ба миқдори 300 миллион доллар ҷойгир карда мешаванд.

Шахсони масъул дар бораи нақшаи соли ҷорӣ ҷалб намудани 2,5 миллиард доллар сармояи хориҷӣ, фароҳам овардани 45 ҳазор ҷойи кор, таъмини содирот ба миқдори 1 миллиард доллар маълумот доданд.

Ба вуҷуд овардани меҳмонхонаҳои замонавӣ ва марказҳои сайёҳӣ имкон медиҳад, ки 20 ҳазор нафар бо кор таъмин гардад.

Вазифаи асосӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ аз зиёд намудани ҳосилнокӣ, вусъат додани содирот ва индустриализатсия иборат мегардад. Бо ин мақсад навъҳои пахта аз Чин кишт карда мешавад, ки то 80 фоиз ҳосили ҳар як гектар ва бо нахи ниҳоии то 45 фоизро ба вуҷуд меорад. 10 ҳазор гектар замин бо обёрии қатравӣ фаро гирифта шуда, боз 20 ҳазор гектар бо усули лазер ҳамвор карда мешавад. Каналҳои «Туямуин», «Миян», «Чинободсой», «Қадим», «Қатортол», «Пахтаобод» бетонфарш гардонда мешаванд.

Барои парвариши меваву сабзавот дар доираи соҳибкории хонаводагӣ кредитҳои бидуни гарав то 100 миллион сӯм ҷудо карда шуда, субсид барои хариди таҷҳизот дода мешавад, 30 фоизи харҷ барои тухмӣ ва ниҳолҳои навъҳои сердаромад ҷуброн карда мешавад.

Ба саноати хӯроквcovорӣ брендҳои хориҷӣ ҷалб карда мешаванд. Дар ноҳияи Андиҷон маркази калони агрологистикӣ бунёд хоҳад гардид. Дарё ва каналҳо, атрофи онҳо ба соҳибкорон барои паррандапарварӣ ва моҳипарварӣ ба иҷора дода мешаванд. Кластери шоҳипарварии Марҳамат барои тамоми ноҳияҳои Андиҷон намунавӣ мегардад. Дар шафати роҳҳо, дар майдонҳо, дар боғу ангурзор 20 миллион бех ниҳоли тут шинонда мешавад.

Зимни таҳлили соҳаҳои иҷтимоӣ эътибори асосӣ ба баланд бардоштани сифати таълими мактабӣ нигаронда шуд. Бо ин мақсад ба хонандагони синфҳои 10-11 имконоти амиқ омӯхтани яке аз фанҳои дақиқ, табиӣ, забонҳои хориҷӣ ё омӯзондани коргарон ва ихтисосҳои IT дода мешавад. Барои ин дар мактабҳо устохонаҳо ташкил гардида, машғулоти амалиро соҳибкорон ба амал меоранд.

Байни техникуми агротехнологии Асака ва Донишкадаи кишоварзии Андиҷон барномаи «2+2» ҷорӣ карда мешавад. Дар Донишкадаи иқтисодиёт ва сохтмони Андиҷон усулҳои идора ва таҳсил навсозӣ мегарданд.

Ба имконоти афзудани содироти хидматрасонии тиббӣ дар соҳаҳои кардиохирургия, эндохирургия ва микрохирургия ба ду баробар бо роҳи инкишофи муассисаҳои тиббии вилоят ишора гардид. Пешниҳод шуд, ки 8 беморхонаи Андиҷон, ки ба ҳамдигар наздик ҷойгир шудаанд, ба як кластер муттаҳид гардида, маркази тиббии бисёрҷанба дар пойгоҳи клиникаи Донишкадаи тиббӣ ташкил карда шавад.

Президент ба он эътибор дод, ки маҷлис дар рӯзи таваллуди шоири бузург Заҳириддин Муҳаммад Бобур ба вуқӯъ меояд ва андиҷониҳоро бо ин санаи муҳим табрик гуфт. Дар бораи таъмири боғи маданият ва истироҳати ба номи Бобур дар Андиҷон дар асоси консепсияи нави мафкуравӣ, ки ба нақша гирифта шудааст, эълон гардид.

Роҳбари давлат пешниҳод намуд, ки ба мактаби мусиқии Андиҷон номи Шералӣ Ҷӯраев гузошта шавад, ки дар санъати таронасароии Ӯзбекистон саҳми бузург гузошта, соҳиби унвони ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мебошад. Он ба коллеҷи мусиқӣ ва санъат табдил дода шуда, дар он дар асоси грант истеъдодҳои нав таҳсил хоҳанд кард.

Дар ҷамъомад роҳбари давлат пешниҳодот ва ташаббусҳои муовинони Сарвазир, вазирон, ҳокимон ва соҳибкоронро шунид.

Бо ҳамин сафари Президент ба вилояти Андиҷон ба поён расид.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Фахриддин УБАЙДУЛЛОЕВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

*Муносибат*

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР – КАФОЛАТИ БЕҲТАР ШУДАНИ ТАЪЛИМ

***Барои инкишоф ёфтани ҳар як соҳа ва афзудани ақлу заковати инсон, бешубҳа, илму фан ва таълим нақши муҳим мебозанд. Рушди низоми таълим комёбии тараққиёти тамоми соҳаҳои ҷомеаро таъмин менамояд. Зеро, дар ҷое, ки илму фан нест, дигаргунӣ, пешравӣ ва навсозӣ низ намешавад.***

Имрӯз ҷаҳон бо суръати баланд тағйир меёбад, торафт пеш меравад. Дар ин даврони зудгузар барои ҳифзи минбаъдаи худ, дарёфти мавқеи хеш дар олам чӣ гуна роҳро бояд интихоб кард? Ба саволи мазкур, тавре ки ниёгони ҷадиди мо таъкид намудаанд, агар: «Ғайр аз илмомӯзӣ наҷоте нест ва наметавонад бошад», – гуфта посух диҳем, айни ҳақиқатро ҳоҳем гуфт.

Масъалаҳои илму фан ва таълиму тарбия на фақат имрӯзи ҷамъият ва давлат, балки фардои онҳоро низ муайян карда метавонанд. Аз ин рӯ, дар кишвари мо ба ин масъала дар миқёси сиёсати давлатӣ эътибор дода мешавад. Дар ҳар ҷое, ки таълиму тарбияи ҷавонон ба ҳоли худ гузошта мешавад, дар он ҷо, билошак ҷамъият ба таназзул рӯ ба рӯ мегардад. Суханони пурмаъно ва бамантиқи ниёи маърифатпарвари мо Абдулло Авлонӣ «Тарбия барои мо масъалаи ё ҳаёт, ё мамот, ё наҷот, ё ҳалокат, ё саодат, ё фалокат мебошад» тӯли замонҳо қимати худро гум накардаанд ва гум нахоҳанд кард.

Мо халқе мебошем, ки барои фарзандони худ ва бахту саодати онҳо зиндагӣ мекунем. Ба ин маънӣ тақдир ва ояндаи фарзандонамонро бо эътимод ба дасти устодон, ки онҳоро «чун падар муътабар» меҳисобем, месупорем. Машаққатеро, ки онҳо барои ояндаи дурахшони ҷавонон мекашанду дар ин роҳ нури чашмони худро мебахшанд, наметавон ба чизе қиёс кард, он аз ҳама баҳо болотар аст. Имрӯз ба ҳар дастоварде, ки расидаем, дар замири он машаққати муаллимон, саҳми беназири омӯзгорону устодони меҳрубон низ ҳаст.

Қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор», ки ба наздикӣ аз ҷониби Президенти кишвар ба имзо расид, боз як ифодаи амалии эътибори баланд ба омӯзгорони мамлакат мебошад. Дар ҳуҷҷати мазкур ҳуқуқ, маҷбурият, кафолатҳои асосии фаъолияти омӯзгор, музди меҳнат, рағбатноксозӣ ва ҳифзи иҷтимоии муаллимон муайян карда шудаанд.

Аз ҷумла, таҳти ҳифзи давлат қарор доштани ҳуқуқҳои омӯзгор, шаъну шараф, қадру қиммат ва обрӯйи ӯ қатъиян мушаххас карда шуд. Бинобар ин қонун ба корҳои ба фаъолияти касбии омӯзгор новобаста ҷалб намудани вай, аз ҷумла ба ободонсозии ҳудудҳо ва корҳои хоҷагии қишлоқ қатъиян манъ карда мешавад.

Аз омӯзгор тақозо намудани ҳисобот ва маълумоти дигар нисбати кору амалҳое, ки ба уҳдадории касбии ӯ тааллуқ надоранд, аз ҷумла талаб кардани ташаккулдиҳии ҳисобот бобати бо шуғл таъмин шудани хатмкунанда низ қатъиян манъ аст. Минбаъд ба зиммаи ӯ гузоштани маҷбурияти харида гирифтани молҳо ва хидматҳо, ба хусус бидуни ризоияти хаттии ӯ нигоҳ доштани маблағаш барои молҳо ва хидматҳо мумкин нест.

Дар қонуни номбурда барои навиштани рисолаи докторӣ, аёниятҳои дарсӣ ва таълимӣ ба омӯзгор додани таътили эҷодӣ низ пешбинӣ шудааст. Баробари ин ба омӯзгорон барои амалӣ намудани барномаҳои муаллифӣ ва ҷорӣ карданӣ услуби омӯзиш, истифодаи озодона ва ройгон аз воситаҳои замонавии таълимӣ, марказҳои давлатии захираҳои ахбор, ҳамчунин як қатор имкониятҳои дигар пешниҳод мегарданд.

Омӯзондан маънои ду карат омӯхтанро дорад. Омӯзгорон мардуми ҷӯё ва ба навгониҳо боэътибор мебошанд. Дар қонун бинобар бозомӯзонии омӯзгорон, такмили ихтисоси онҳо низ навгониҳои муҳим инъикос гардидаанд, ки сазовори эътибор мебошанд.

Воқеан, агар обрӯю нуфузи омӯзгорону мураббиён бардошта шавад, онҳо мувофиқи меҳнаташон музд гиранд, рағбатнок карда шаванд, бешубҳа, дар кори таълиму тарбия пешравӣ мешавад, он босифат мегардад. Агар эътибор диҳем, дар давлатҳои мутараққии дунё ҳурмату эҳтиром нисбати омӯзгор хеле баланд мебошад. Зеро танҳо туфайли эътибори зиёд пеш аз ҳама, ба илму фан ва таълим метавон ба пешрафти баланд ва фаровонҳолии ҳаёт муваффақ шуд.

Чунончӣ, аз императори Ҷопон пурсидаанд, ки асрори рушди бесобиқаи мамлакаташ чист? Ӯ «Ман ба муаллим обрӯйи президент, маоши сарвазир, дахлнопазирии дипломатро додам», – гуфта ҷавоб дода будааст. Дар Италиё бошад «танҳо роҳи соҳибони се касб тирбанд намегардад: инҳо кормандони соҳаи «ёрии таъҷилӣ», сӯхторхомӯшкунандагон ва омӯзгорон» мебошанд. Дар Англия муаллимонро чун соҳибони касби пуршараф эъзоз мекунанд.

Мақсад ва вазифаи муҳиме, ки дар назди кишвари мо истодааст, ин ба сафи давлатҳои тараққикардаи демократии ҷаҳон ворид шудан, барои ҳалқамон тарзи ҳаёти озоду фаровонро пешниҳод кардан мебошад. Барои ҷорӣ намудани ин мақсад ва вазифаҳои пуршараф, дар мамлакат бунёд кардани Эҳёи сеюм мо ба меҳнати омӯзгороне, ки дорои дониш ва салоҳияти хуб, муҳандиси рӯҳи инсон мебошанд, такя мекунем.

Шубҳае нест, ки қонуни мазкур ба баланд бардоштани мақоми омӯзгорон хидмат мекунад, баробари ин барои комёбиҳои нав ба нав имкониятҳои васеъ ва асосҳои ҳуқуқӣ фароҳам меоварад.

**Мухтор ИБРАГИМОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# НАҚШИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ЭЪТИДОЛ ВА ҚАРОБАТИ МИНТАҚА

***Ўзбекистон кишвари дорои мероси ғановатманди таърихӣ ва мавқеи геосиёсии стратегӣ буда, дар минтақаи Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад. Дигаргуниҳое, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев бо такя ба сиёсати нави стратегии хориҷӣ, мавқеи фаъол дар ташаббусҳои минтақавию байналхалқӣ, ҳамчунин рушди робитаҳо ва қаробати иқтисодӣ ба вуқӯъ меоянд, барои пойдориву шукуфоии тамоми минтақа хидмат мекунанд.***

Роҳбари давлат аз соли 2016, аз замони ба вазифа оғоз намуданаш бобати трансформатсияи мамлакат қадамҳои далерона гузошта, саъю ҳаракат дорад, «Ўзбекистони Нав»-еро бунёд кунад, ки ба равандҳои демократия, риоя гардидани ҳуқуқҳои инсон ва сиёсати бозаргонӣ такя хоҳад кард. Ин саъю кӯшишҳо ба islоҳоти назарраси дохилӣ, аз ҷумла қабул гардидани Сарқонуни нав, қонун дар бораи озодии эътиқод, меъёрҳо оид ба таъқиботи ҷиноӣ барои зӯроварии оилавӣ, мустаҳкам шудани ҳифзи моликияти хусусӣ бо назардошти рушди иқтисодӣ ба беҳтар гардидани муносибатҳо бо шарикон ва иттифоқчиёни асосӣ, ба хусус бо Чин, Иёлоти Муттаҳида ва Русия мусоидат намуданд.

Бобати ҳамкориҳои тарафайн бо ҳамсояҳо – Қазоқистон ва Туркманистон пешрафти назаррас ба даст омад, ки дар натиҷаи он муоҳидаҳо доир ба муносибатҳои тифоқӣ ва марзбандӣ, шартномаҳо дар бораи шарикии стратегӣ ба имзо расиданд. Робитаҳо ҳамчунин бо Тоҷикистон инкишоф меёбанд, бекор гардидани режими раводид ва сохтмони муштараки Неругоҳи барқии обӣ тасдиқи гуфтаҳои болоӣ мебошад.

Баробари ин Ўзбекистон худро дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони давлатҳои туркӣ ва дигар созмонҳои байналхалқӣ фаъолона намоиш медиҳад, ба таҳкими мулоқот ва ҳамкориҳои минтақавӣ, аз ҷумла бо давлатҳои асосии ҷаҳон саъй менамояд. Қисмати муҳими сиёсати хориҷии мамлакат ҳамкорӣ бобати истифода бурдани захираҳои об ва энергетикӣ бо дарназардошти манфиатҳои минтақа ба шумор меравад.

Дар ибтидои соли 2024 иқтисодиёти ҷумҳурӣ суръати умедбахши афзоиш ва тараққиётро намоиш медиҳад. Мувофиқи пешгӯйиҳо маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ соли равон 5,5-5,6 фоиз меафзояд. Ин нишондиҳанда ба ҳадафҳои стратегии Ўзбекистон бобати баланд бардоштани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба сари ҳар нафар аҳолӣ то соли 2030-юм ба 4 ҳазор доллар мувофиқат менамояд ва аз ҷониби секторҳои гуногун, аз ҷумла соҳаҳои хидматрасонӣ, саноат, сохтмон ва хоҷагии қишлоқ дастгирӣ карда мешавад.

Ислоҳот дар сиёсати фискалӣ низ идома дорад, ки эътидоли иқтисодиро бар алайҳи таҳдидҳои ҷаҳонии иқтисодӣ таъмин менамояд, ин маънои онро дорад, ки чораҳои фаъоли ҳукумат бобати таъмин сохтани эътидоли иқтисодӣ самаранокии баланди худро собит намуданд.

Ҳаҷми сармоягузорӣ, ки аз ҷониби сармояҳои хориҷӣ, маблағҳои корпоратив ва вомҳои бонкӣ рағбатнок карда мешаванд, хеле меафзояд.

Боиси таъкид аст, ки Ўзбекистон бори аввал бо мақсади молиявикунонии «сабз» облигатсияҳои байналхалқии худро дар ҳаҷми 1 миллиард доллар интишор намуд, ки шаҳодати ҳаллу фасл намудани мушкилоти экологӣ ва пешбурди технологияҳои сарфакунандаи энергетикӣ будани мамлакат мебошад. Ин ба сармоягузорӣ барои лоиҳаҳои устувори экологӣ имконият фароҳам овард.

Баробари ин мамлакат ташаббусҳои муҳими минтақавии нақлиётиро бомуваффақият татбиқ менамояд, ки ба мустаҳкам шудани қаробати иқтисодӣ ва рушди савдо дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла татбиқ гардидани лоиҳаи Роҳи оҳани наздисарҳадии Афғонистон бо арзиши тақрибан 7 миллиард доллар мусоидат хоҳад кард. Ин кор, ки соли 2018-ум оғоз ёфта буд, сохтмони роҳи оҳани дарозиаш 573 километрро пешбинӣ менамояд, ки Ўзбекистонро бо бандаргоҳҳои Покистон ва Эрон аз тариқи Афғонистон пайванд мекунад. Ин имкон медиҳад боррасонӣ хеле босуръат анҷом ёбад, ҳамчунин ба рушди иқтисодии минтақа таъсири мусбат мерасонад. Омӯзондани мутахассисони роҳи оҳани Афғонистон низ аз қисмҳои муҳими лоиҳа ба шумор меравад.

Ғайр аз ин, Ўзбекистон ҷонибдори фаъолтар кардани татбиқсозии лоиҳаи хати роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ўзбекистон (CKU) мебошад, ки пас аз баррасиҳои бисёрсола ба кор оғоз менамояд. Лоиҳаи мазкур барои рушди савдои минтақа ва қаробати иқтисодии он аҳамияти бузург дорад. Хати роҳи оҳани CKU барои пайванд кардани Қошғари Чин бо шаҳри Андиҷони Ўзбекистон аз тариқи Қирғизистон пешбинӣ гардидааст, ки роҳёбиро ба бозорҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Осиёи Ғарбӣ, ҳамчунин Туркия ва Шарқи Наздик таъмин менамояд. Он мавқеи Ўзбекистон ва Қирғизистонро ба сифати кишварҳои муҳими нақлиётӣ дар роҳи аз Чин ба Аврупо ва Шарқи Наздик мустаҳкам менамояд, ба бунёди шабакаи нави стратегии логистикӣ бинобар хатсайри ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» (BRI) мусоидат мекунад.

Кишвари мо дар ташаббусҳои мазкур мақоми пешоҳангиро намоиш дода, нақши худро ҳамчун кишвари муҳими минтақа, ки ба эътидол ва қаробати он мусоидат карда метавонад, мустаҳкам менамояд.

Солҳои охир Ўзбекистон фаъолнокии дипломатиро дар арсаи байналхалқӣ хеле беҳтар кард. Шавкат Мирзиёев ба сари давлат омада, ба саъю кӯшишҳо бобати танзими мушкилоти Афғонистон такони нав бахшид ва ҷомеаи ҷаҳониро ба саъю ҳаракатҳои ҳамҷиҳатона дар доираи СММ бобати муътадил намудани вазъияти кишвари мазкур даъват намуд.

Ўзбекистон ҳамчунин бисёр ташаббус ва лоиҳаҳои наздиминтақавиро пеш мегузорад ва татбиқ менамояд. Содатар кардани талаботи раводид, ки ба мустаҳкам шудани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва мубодилаи фарҳангӣ бо дигар кишварҳои минтақа мусоидат менамоянд, ба хусус қадами муҳим ба шумор меравад. Афзудани селаи одамоне, ки дар байни Ўзбекистон ва давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ равуо мекунанд, аз боло рафтани робитаҳои тарафайн дар минтақа шаҳодат медиҳанд.

Кори муштарак бо чунин идораҳои байналхалқиву минтақавӣ ва молиявӣ, аз ҷумла Бунёди байналхалқии асъор, Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки рушди осиёӣ, Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо, Бонки рушди исломӣ ва Бонки осиёии сармояҳои инфрасохторӣ ба дараҷаи сифатан нав бардошта шуданд.

Пешбурди робитаҳои тарафайни байниминтақавӣ афзалияти муҳими сиёсати хориҷии мамлакати мо маҳсуб меёбад. Дар соҳаи мазкур Конфронси байналхалқии «Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ: алоқаи тарафайни минтақавӣ. Таҳдидҳо ва имкониятҳо», ки моҳи июли соли 2021 дар Тошканд ва Конфронси байналхалқӣ доир ба робитаи тарафайни байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ки моҳи ноябри соли 2022 дар Самарқанд баргузор гардиданд, воқеаҳои назаррас шуданд.

Умуман Ўзбекистон бинобар таҳкими амнияти минтақавӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди устувори Осиёи Марказӣ, ки дар ҷараёни ин анҷуманҳои бисёрҷанба садо доданд, беш аз 80 таклиф пешниҳод намуд. Як қатор конфронсҳои байналхалқӣ бо пешниҳоди Президенти Ўзбекистон ташкил карда шуданд, ки аз иқтидори баланди дипломатияи Ўзбекистон ва ҷолибияти ташаббусҳои амалии минтақавӣ ва байналхалқии Тошканд шаҳодат медиҳанд.

Ба беҳтар намудани робитаҳои иқтисодӣ, рушди инфрасохтор ва сармояи инсонӣ, ҳамчунин мустаҳкам сохтани амнияти байналхалқӣ эътибори бештар додани Ўзбекистон онро ҳамчун омили асосии пешбурди мамлакат ба сифати шарики қудратманд ва боэътидол дар минтақа ва ҷаҳон намоиш дод. Ин ба баланд гардидани нуфузи кишвар дар арсаи байналхалқӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нав барои ҳамкорӣ ва пешрафт хидмат хоҳад кард.

**Абдуазиз ХИДИРОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**




*Роҳбари давлатамон дар доираи ташрифаш ба вилояти Хоразм, моҳи июли соли 2023, бо фаъолияти шуъбаи вилоятии IT-парк шинос гардида, оид ба ташкил намудани чунин марказҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят супориш дода буд.*

*Бино ба чунин супориш дар ҳамаи мавзеъҳои вилоят чунин паркҳо ташкил гардида, фаъолияти он зина ба зина ба роҳ монда мешавад.*

*Ҳокими вилояти Хоразм Ҷӯрабек Раҳимов ба IT-парки ноҳияи Боғот ташриф овард. Дар марказ, ки рӯзҳои наздик ба фаъолият оғоз менамояд, дар самти технологияи рақамӣ илм омӯхтани ҷавонон, ташкил намудани ширкатҳои соҳа, ба амал татбиқ намудани лоиҳаҳои стартап, фрилансерӣ, фаъолият бурдан дар самти IT-аутсорсинг, шуғл варзидан бо содироти IT ва баромадан ба бозори ҷаҳонии он имкониятҳои зиёд фароҳам оварда шудааст.*

***Дар сурат:*** *дар IT-парки ноҳияи Боғот.*

***Суратгир: Б. САИДОВ (ЎзА).***

# ДАР ОЛМОН БА ҲАМВАТАНИ МО НИШОНИ САРИСИНАГИИ «ХАЛҚЛАР ДЎСТЛИГИ» СУПУРДА ШУД

***Дар сафоратхонаи Ўзбекистон маросими ба ҳамватанамон Нигора Охунова, ки дар Олмон кор мекунад, супурдани нишони сарисинагии «Халқлар дўстлиги» баргузор шуд.***

Мувофиқи қарори Девони Вазирони Ўзбекистон бо ин нишон шахсоне, ки дар таҳкими муҳити дӯстии байнимиллӣ ва ҳамдилии байни намояндагони тамоми миллатҳо ва халқҳо саҳм мегузоранду дар кишварамон барои беҳтар кардани фаъолияти марказҳои миллии фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои дӯстӣ, субъектҳои соҳибкорӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ кор мекунанд, ҳамчунин ба намояндагони расонаҳои ахбори оммавӣ ва ҳамватанонамон дар хориҷа супурда мешавад.

Нигора Охунова духтури дандони беморхонаи хусусии «Лиллисан»-и Мюнхен, ки ба табобати кӯдакон ва наврасон тахассус дорад, мебошад, вай барои саҳмаш дар рушди ҳамкориҳои байни Ўзбекистон ва Олмон, ҳамчунин барои меҳнати фидокорона мукофотонида шуд.

Ин мукофоти олиро сафир Дилшод Аҳатов дар доираи чорабинии маданиву маърифатии «Оилаи хушбахт», ки дар сафоратхонаи кишвари мо дар Берлин ба вуқӯъ омад, супурд.

**Ҳамдиёрамон Нигора Охунова мегӯяд:**

– Ман дар Фарғона таваллуд шудам. Аз соли 2007-ум дар Мюнхен зиндагӣ мекунам. Бинобар тахассус духтури дандон мебошам, модари се фарзандам. Соли 2016 факултаи дандонпизишкии Донишгоҳи Людвик-Максималианро дар Мюнхен бомуваффақият хатм намудам ва дар соҳаи пизишкдандонии кӯдакону наврасон кор мекунам.

Солҳои донишҷӯйӣ орзу доштам, ки ба Ўзбекистон равам ва дандони кӯдаконро ройгон табобат кунам, бо падару модарони онҳо донишҳои худро оид ба гигиенаи даҳон ба ҳам бинам, корҳои маънидодкунӣ гузаронам. Фикр мекунам, ин орзуи худро кам ё беш ба амал татбиқ кардам.

Моҳи сентябри соли 2018, моҳи майи соли 2021 ва моҳи апрели соли 2022-юм ман дар сенздаҳ мактаби ноҳияи Қӯштеппа ва шаҳри Марғилони вилояти Фарғона, зодгоҳи худ, ки дар он ҷо бачагиям гузаштааст, корҳои нишонадори профилактикӣ гузаронидам. Ҳамчунин мо дар кӯдакистонҳо барои падару модарон дар мавзӯи саломатии дандон машваратҳо ташкил кардем. Дар ҳамкорӣ бо беморхонаи дандонпизишкии шаҳри Марғилон тавонистем табобати бемузди дандони бачагони 5-8 соларо таъмин намоем. Соли 2022-юм бунёди ҷамъиятии «Ватандошлар» ба лоиҳаҳои ҷории ман эътибор зоҳир намуд. Соли гузашта мо бо онҳо машваратҳо гузаронида, бобати ҳамкории минбаъда ба тафоҳум расидем.

Роҳбарияти бунёд маро барои кори дӯстдоштаам ба мукофот пешбарӣ кард. Имрӯз дар сафоратхонаи мо дар Берлин ба ман нишони сарисинагии «Халқлар дӯстлиги»-ро супурданд. Мехоҳам ба роҳбарияти бунёди ҷамъиятии «Ватандошлар» ва албатта, ба ҳукуматамон барои баҳои баланд миннатдорӣ баён кунам.

Нишони сарисинагии «Халқлар дӯстлиги» ин масъулият, хурсандӣ ва ифтихор аст. Дар оянда ман омодаам дар рушди Ўзбекистон саҳми худро гузорам.

Мо якҷо бо бунёди ҷамъияти «Ватандошлар» барои соли 2024-ум нақшаҳо тартиб додаем, ният дорем бо ҳамкорон – духтурони ботаҷрибаи олмонӣ ба Ўзбекистон равем ва дар тамоми ҷумҳурӣ ҳафтаи табобатӣ гузаронем.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри БЕРЛИН.*

# «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВРО ЯКҶОЯ БО ҶАВОНОН МЕСОЗЕМ»

***Ҷашнвораи ҳарбӣ-ватанпарварие, ки бо иштироки ҷавонон дар ноҳияи Бухоро ба амал омад, чунин ном дошт. Ин тадбир бо ташаббуси якҷояи ҳокимияти ноҳия, шуъбаҳои ноҳиявии Иттиҳоди маҳаллаҳои Ўзбекистон, Агентии кор бо ҷавонон, садорати вилоятии Гвардияи миллӣ, клуби варзишӣ, таълимӣ, техникии ноҳиявии ташкилоти «Ватанпарвар», инчунин қисми ҳарбии ҳудуд сурат гирифт.***



Фестивал таҳти шиори «5000 қадам дар роҳи ҳаёти солим» бо марафони ҳаракати оммавӣ оғоз ёфт. Иштироккунандагони чорабинӣ аз назди бинои ҳокимияти ноҳия то варзишгоҳи марказии ноҳия қадам ниҳоданд. Сипас таҳти шиори «Панҷ ташаббус – панҷ имконият» чорабиниҳои маънавию маърифатӣ ба амал омаданд.

Тамошобинон – сокинону ҷавонон аз намоиши техникаи ҳарбӣ, яроқу аслиҳа, воситаҳои варзишӣ-нақлиётӣ ва намоиши маҳорати ҷисмонию ҳарбии хидматчиёни ҳарбӣ баҳраманд гардиданд.

Ба чорабинӣ ҳунарнамоии оркестри ҳарбӣ ва барномаи консертии дастаи ҳунарии шуъбаи маданияти ноҳия шукӯҳи тоза бахшид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## ХАБАРҲО

### АНҶУМАНИ МАТБУОТӢ ДАР ҲОКИМИЯТИ НОҲИЯ

***Ҳокимияти ноҳияи Юнусобод анҷумани матбуотӣ ташкил намуд. Дар он ҷонишини ҳокими ноҳия ва роҳбарони як қатор ташкилоту корхонаҳо иштирок намуданд. Рӯзноманигорон ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ноҳия, корҳои муҳиме, ки тӯли соли 2023 дар қаламрав ба иҷро расонда шуданд, ҳамчунин вазифаҳое, ки дар пеш истодаанд, шинос шуданд.***

Юнусобод аз калонтарин ноҳия дар пойтахт буда, дар он наздик 400 ҳазор нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. Дар 64 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо дар асоси барномаи "Маҳаллаи обод", "Кӯчаи обод" ва "Хонаи обод" корҳои ободонӣ ва бунёдкориву хуррамсозӣ пеш бурда мешаванд. Дар ноҳия 1306 биноҳои бисёрошёна мавҷуд. Дар давоми як-ду соли охир баъди таъмиру тармим пешорӯйи 461 хонаи бисёрошёна кулан симои дигар гирифт. Таҳхонаи кулли биноҳои истиқоматӣ низ баъди нигоҳубин ҳолати пештараашонро тағйир доданд. Қисмате аз онҳо ба соҳибкорон ба иҷора дода шуданд.

Тараққиёт дар ҳамаи соҳаҳо ба чашм расид, сабзиши иқтисодӣ дар беҳбудии дараҷаи зист ва ободии маҳалҳо омили муҳим гардид. Аз ҷумла, маҳаллаҳои Астаробод ва Қашқар, ки пештар ба ҳоли худ гузошта шуда буданд, хеле обод шуданд.

Дар ҳудуди 2,5 гектар макони сабз ташкил гашт. Танҳо дар мавсими тирамоҳии ниҳолшинонӣ 64 ҳазор бех ниҳолҳои меваноку манзаравӣ шинонда шуданд ва парвариш меёбанд, гуфта шуд дар анҷумани матбуотӣ.

### РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОД

***Дар асоси фармони роҳбари давлати мо аз 28 ноябри соли 2022 "Дар бораи ҷорӣ намудани сохтори нави сифатноки омодасозии кадрҳои малаканок дар соҳаи тафтишоти ҷиноятӣ" дар ҳузури Академияи Сарпрокуратура Академияи ҳифзи ҳуқуқи Ўзбекистон ташкил шуда буд. Аз соли таҳсили 2023-2024 сар карда, дар Академияи ҳифзи ҳуқуқ омодасозии кадрҳо дар риштаи бакалавриати "Фаъолияти тафтиш" ва дар дигар самтҳои таълими бакалавриати ҳуқуқшиносӣ ташкил карда шудааст.***

Ба Call-маркази академия доири ҳуҷҷатсупорӣ ба бакалавриат саволҳои зиёд афтид. Маълум гашт ҷавононе, ки ба соҳа таваҷҷуҳ доранд, хеле зиёданд. Ба ин муносибат 15 феврали соли равон дар Академияи ҳифзи ҳуқуқ рӯзи дарҳои кушод эълон гашт.

Он рӯз ба даргоҳи мазкур хатмкунандагони мактабҳои таълими умумии пойтахт ва техникумҳои юридикӣ, хонандагони литсейҳои академии назди корҳои дохилӣ, падару модарон, собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташриф оварданд.

Иштирокдорон ба қоидаҳои қабул ба бакалавриат (3 сол), ҷиҳатҳои ба худ хос ва афзалияти ташкил намудани ҷараёнҳои таълим дар даргоҳи зикршуда аз наздик шинос шуданд. Хатмкардагон ӯҳдадоранд баъди гирифтани диплом камаш се сол дар мақомоти давлатии ваколатнок кор кунанд.

Иштирокдорон, айни замон, аз хонаи криминалистика, хонаи имитатсияи суд, лабораторияи экспертиза, хонаи машғулот ва ғайраҳо дидан карданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик"**

***Дар ноҳияҳои Иштихон ва Оқдарё бинои Маркази хидматҳои иҷтимоии «Инсон» ба истифода дода шуд.***

# ДАР ДУ НОҲИЯ МАРКАЗИ «ИНСОН» КУШОДА ШУД

Бояд гуфт, ки дар асоси қарори Сарвари давлат аз 1-уми июни соли 2023 «Дар бораи ташкили фаъолияти Агентии миллии ҳифзи иҷтимоии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон» ва Фармон «Дар бораи чораҳои маҷмӯӣ аз рӯйи хидматрасонии босифати иҷтимоӣ ва кумак ба аҳолӣ, инчунин, роҳандозии низоми самарабахши он" дар кишварамон агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва дар 28 ноҳия ва шаҳр ҳамчун таҷриба марказҳои хидматҳои иҷтимоии «Инсон» ташкил гардид.

Аз оғози соли ҷорӣ дар тамоми минтақаҳо чунин марказҳо ба кор шурӯъ карданд.

– Тавассути афзунсозии самаранокӣ ва мақсаднокии системаи ҳифзи иҷтимоӣ таъмини иҷтимоъгароии аҳолии ба кумак ниёзманд, ташкили ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи маҳалла, роҳандозии хидматрасонии босифати иҷтимоӣ ва кумак ба аҳолӣ аз самтҳои асосии фаъолияти ташкилоти мо ба ҳисоб меравад, — гуфт роҳбари марказ Зоҳид Боитов. – Бино ба ҳолати 1-уми январи соли 2024 дар ноҳияи мо 6249 нафар шахсони ногиродошта, 178 нафар пиронсолони танҳо ва шаҳрвандони маъюб умр ба сар мебаранд. Ҳоло ба онҳо 20 нафар кормандони иҷтимоӣ ва ёрдамчиёни таъинкардаи марказ хидмат мерасонанд. Аз аввали соли ҷорӣ ба 26 нафар шаҳрвандони ноҳия барои барқарор кардани саломатии худ ба сиҳатгоҳҳо роҳхат дода шуд.

Ҳоло барои ҷалби 28 нафар корманди иҷтимоӣ ба 62 маҳаллаи ноҳия чораҳо андешида мешаванд.

***

Дар ноҳияи Оқдарё низ Маркази хидматҳои иҷтимоии «Инсон» кушода шуд. Дар чорабинӣ ҳокими ноҳия Ш. Қудратов дар бораи аҳамияти системаи ҳифзи иҷтимоии касбӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ислоҳоте, ки дар соҳа амалӣ мегарданд, ҳарф зад.

Дар бораи имкониятҳое, ки барои шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд фароҳам гардидааст, маълумот дода шуд. Зикр гашт, ки кормандони марказ беш аз 70 масъаларо аз қабили кумаки моддӣ, хидматҳои иҷтимоӣ, таъмини шуғл, дастраскунии субсидияву кредит ва ғайраро ҳаллу фасл мекунанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ПАРВАРИШИ КАВРАК АЗ ФАҚР НАҶОТ МЕДИҲАД

***Дар ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё барои бартараф сохтани фақр дар байни аҳолии таҳҷоӣ чораву тадобири муассире андешида мешаванд.***

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Чангак»-и ноҳия бо кумаки ёрирасони ҳоким Нусрат Асадов 12 нафар аз аҳолии ҷойдорӣ ба киштукори каврак ҷалб карда шуданд. Хоҷагии фермерии «Турсунпӯлодов Ҳоҷибек» ҳар кадоми онҳоро бо 2-гектарӣ замин ва тухмии ин растании шифобахш таъмин кард.

Ёвари ҳокими ноҳия дар маҳаллаи «Чангак» Н. Асадов, гуфт, ки дар сурати натиҷаҳои хуб додани ин чорабинӣ киштукори кавракро дар минтақаҳои дигари ноҳия низ ба роҳ хоҳанд монд. Гуфта мешавад, каврак аз растаниҳои хеле шифобахш ба ҳисоб рафта, дар ҳудуди вилояти Қашқадарё зиёда аз 50 навъи он мерӯяд ва аз ширааш барои ривоҷи дорусозӣ фаровон истифода мекунанд.

Алҳол дар навоҳии дигари вилояти Қашқадарё парвариши ин растанӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Хусусан дар ноҳияи Деҳқонобод хоҷагиҳои алоҳидаи фермерӣ ҳам амал мекунанд, ки ба киштукори каврак ихтисос доранд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»

# «МОРО ЗИ ХОБИ ҒАФЛАТ БЕДОР КУН, ХУДОЁ...»

Варақгардонии саҳифаҳои дӯхтаи рӯзномаи «Овози тоҷик» касро ба андеша водор мекунад. Дар вазъияти бисёр мураккаби сиёсӣ, дар даврае, ки мавҷудияти мардуми тоҷик ва забони форсии тоҷикӣ зери шубҳа буд, ба камсаводии мардуми одӣ нигоҳ накарда, бо саъю ҳаракати дастбакоронаш «Овози тоҷик» тавонист байни мардум шуҳрат пайдо кунад. Хонандаи худро ёбад. «Овози тоҷик» моҳи июни соли 1928-ум 3500 нусха чоп мегардид. Ин рақамро дида, адади нашри «Овози тоҷик»-и садсола ба ёдам расид, ки дар аввали соли 2024-ум 242 нусха аз чоп баромад. Аз ин ду рақам худатон хулоса бароред... Шоир шояд муроҷиатан ба мо гуфтааст:

*Моро зи хоби ғафлат бедор кун,*
*Худоё,*
*Аз хасми ҷони миллат ҳушёр кун,*
*Худоё!*

Дар ҳамон вазъияти вазнин хабарнигорони қавииродаи «Овози тоҷик» тавонистаанд «дарди дили худро ба воситаи рӯзномаи худ, ки ба забони тоҷикист, ба ҳар кас во намоянд» (Айнӣ), назари хонандаро ба худ ҷалб кунанд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини рӯзнома ташаккули маънавияту маърифат, ҷаҳонбинӣ ва худшиносиву худогоҳӣ ва билохира шахсият буду ҳаст. Дар ин раванд «Овози тоҷик» саҳми мондагоре доштааст. Ҳар як хабару мақола, ки дар саҳифаҳои рӯзнома чоп шудаанд, дар рӯҳияи танқидӣ иншо гардида, камбудӣ ва нуқсонҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангиро ошкор карда, баҳри ислоҳи он кӯшиш ба харҷ додаанд.

Дар шумораи 237-уми рӯзнома аз 20 июни соли 1928 зери рукни «Дар майдони маориф» «Дар бораи адабиёти саҳна» ном мақола бо имзои мустаори Ҳ. Б. ба чоп расидааст. Ҳ. Б. имзои Ҳамид Бақозода (5. 05. 1910, Самарқанд – 16. 09. 1943) мебошад, ки дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Самарқанд ва Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд таҳсил кардааст. Яке аз хабарнигорони фаъоли «Овози тоҷик» буд. Аз 14 октябри соли 1924 то 30 декабри соли 1930 танҳо дар «Овози тоҷик» зиёда аз 900 номгӯй навиштаҳои ӯ ба табъ расидаанд. Номбурда бо имзоҳои мустаори «Ҳуттӣ», «Як ҷавони тоҷик», «Тоҷик», «Тоҷикдӯст», «Ҳ. Бақозода» ва ғайра мақола менавишт. Инак, мақолаи ӯ «Дар бораи адабиёти саҳна»-ро бо каме ихтисор, вале айнан пешкаши хонандагон мекунем.

*«Театр дар санъати нафис ҷойи муҳимро ишғол мекунад ва бо нафисии худ ҳамаро ба атрофаш ҷалб намуда, ғанои рӯҳӣ медиҳад. Мо дар бораи аҳамияти театр ҳарф намегӯем, балки дар бораи адабиёти саҳнагии тоҷикӣ гуфтанӣ ҳастем...*

*...Бо кушодани мактабҳо халқи тоҷик чашми худро кушоданд ва ҳаваси театр дар байни меҳнаткашони тоҷик зиёд шуд. Дар ҳар куҷо мондани театр ва консертҳо шунида мешуд ва коргарону деҳқонони тоҷик бо хурсандӣ омада тамошо мекунанд ва таъсири хуб гирифта мераванд.*

*Аммо ҳоло ҳам дар байни тоҷикон корҳои пешрафт ба он дараҷаи ибтидоӣ мебошад. Барои театр мондан асарҳои инқилобӣ ва аз зиндагонии коргару деҳқонон гирифта шудагӣ рисолаҳо кам мебошад. Дар ҳар ҷо ҳаваси мондани театр ҳаст, аммо ба мисли он ки дар боло гуфтем, адабиёти саҳнаи тоҷикӣ бисёр нашр нашудааст. Ҳоло тоҷикон маҷбуранд, ки аз асарҳои русӣ ё ин ки аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ гардонида, баъд ба театр монанд.*

*Дар байни миллатҳои дигар корҳои театр хеле пеш рафтааст. Адабиёти саҳнаи эшонро рӯз ба рӯз мукаммал мегардонанд ва театр дар ҳар қадам аҳамияти бузург пайдо карда рафта истодааст. Аммо барои пеш бурдани корҳои театр ва аз он ҷумла дар бораи чоп кардани рисолаҳои инқилобӣ ва ҳаётии тоҷикон ҳеҷ гап нест.*

*Мо ин масъаларо дар пеши Комиссиюни забони маорифи Тоҷикистон ва Нашриёти давлатии Тоҷикистон барномаи таъмин кардани адибони саҳнаи тоҷикро хоҳиш мекунем ва аз ҳамин вақт ба ин масъала бо ҷиддият даромаданашро мепурсем.*

*Агар саҳнаи тоҷикон ба ҳар гуна адабиёт таъмин мешуд, корҳои театр дар миёни коргарону деҳқонони тоҷик тараққӣ намуда, ҳамаро сӯйи худ ҷалб мекард». Ҳ. Б.*

Таҳияи
**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**






*Дар Донишгоҳи давлатии ба номи Бердақи Қароқалпоқистон бо ташаббуси Кумитаи занону духтарон ва оилаи ҷумҳурӣ бахшида ба Рӯзи байналхалқии бонувони соҳаи илму фан таҳти мавзӯи “Нақши занону духтарон дар рушди илму фан ва инноватсияҳо” форум баргузор гардид.*

*Дар чорабинӣ профессор-омӯзгорони муассисаҳои илмӣ ва таълими олии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бо маърӯзаҳои худ иштирок карданд. Ба занону духтароне, ки дар чорабинӣ фаъол иштирок карданд, аз тарафи ташкилотчиёни он ташаккурномаҳо супорида шуданд.*

***Суратгир:***
***М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

Садриддин АЙНӢ:

# «ҲАМА ЯКДИЛУ ЯКЗАБОН ШУДА, ҶАНГ БА ДОМАНИ РӮЗНОМА ЗАНЕМ...»

Оғози садаи XX яке аз муҳимтарин марҳалаҳо дар таърихи адабиёту фарҳанги тоҷикӣ маҳсуб мешавад, зеро дар ин давра равобити адабиву фарҳангӣ ва сиёсии кишвар ба зуҳури наҳзатҳои тараққихоҳ заминаи мусоид гузошт. Дар осори муҳаққиқон Ғаффор Ашӯров, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Соҳиб Табаров, Расул Ҳодизода, Маъруфи Раҷабӣ, Пайванди Гулмурод, Абдухолиқи Набавӣ ва дигарон сифатҳои нисбатан наву тозаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҷӯстуҷӯ шуда, саҳифаҳои номаълуми он варақгардон шудаанд.

Наҳзати маорифпарварӣ дар ибтидои садаи бист ба дунёи маънавияту тафаккур бузургтарин уламо ва удабо чун устод С. Айнӣ, М. Беҳбудӣ, М. Сироҷ, М. Ҷалол, А. Мунзим, С. Ализода, С. Аҷзӣ, Ҳ. Муин, А. Фитрат ва чанди дигарро овард, ки ҳар яки онҳо фарзонагони даврон буданд. Ин чеҳраҳои барҷастаи маорифпарварӣ дар оғози садаи бист барои зуҳури матбуот ҳамчун падидаи тозаи адабӣ-фарҳангӣ заминаи мусоиде фароҳам оварданд. Аз омилҳое, ки ба пайдоиши матбуоти тоҷик таъсир расониданд, пеш аз ҳама воқеиятгароии матбуоти кишварҳои хориҷа буд, ки ба Осиёи Марказӣ низ мерасид ва ба маорифпарварони тоҷик дастрас гардида, онҳоро водор намуд, ки бо такя ба неруи тавонои худ дар таъсиси матбуоти миллӣ талош намоянд. Нақши рӯзнома ва маҷаллаҳои хориҷи кишвар дар рушду густариши афкори ислоҳотхоҳонаи неруҳои таҷаддудхоҳи Осиёи Миёна барҷаста буд. Нашрияҳои «Чеҳранамо» аз Коҳира, «Ҳабл-ул-матин» аз Калкутта, «Сироҷ-ул-ахбор» аз Кобул, «Сироти мустақим» аз Туркия, «Навбаҳор» аз Эрон бо ҳар роҳ ба Осиёи Миёна ворид мешуданд. Чунончӣ, аз ворид шудани маҷаллаи «Сироти мустақим» ба Бухоро устод С. Айнӣ ёдрас шуда мегӯяд: «Ба воситаи Абдураҳмон Саидӣ ба мутолиаи маҷмӯаи туркӣ «Сироти мустақим» муваффақ шудем, ки баъди инқилоб дар Туркия нашр мешуд. Ин як маҷмӯаи динӣ, илмӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабӣ буда, бо иштироки бузургтарин фозилони маркази хилофати Истанбул нашр мегардид. Дар ин маҷмӯа масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии инқилобӣ ба оят ва ҳадисҳо татбиқ шуда, баён меёфтанд, ки ин дар тафаккуроти мо тағйироти асосӣ ба амал меовард».

Устод С. Айнӣ аз вуруди ин маҷаллаи бонуфузи динӣ-илмӣ ба Бухоро ба ҳайрат афтода, таъкид менамояд, ки онро Абдураҳмон аз писари дуюми Мирзо Муҳиддин, аз Мирзо Абдуқодир ҷавони 15-16 солаи мадрасанодида гирифта будааст. Тааҷҷуби худро устод пинҳон накарда, баён менамояд, ки «аз Истанбул барин як ҷойи дур чунин як маҷмӯаи бо нақли оят ва ҳадисҳо таълифёфтаро оваронда мутолиа кардани як ҷавони мадрасанахонда барои мо барин талабаҳои мадраса боиси басо ҳайрат ва тааҷҷуб буд. Акнун мо ба ҳамватанони худ бо чашми дигар ва бо дили пурумед нигаҳ мекардагӣ шудем».

Нуктаеро бояд қайд намуд, ки нақши устод С. Айнӣ дар тарғибу ташвиқи матбуоти тоҷик шоистаи таъкид аст, зеро маҳз ӯ дар ҳама давр новобаста аз вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар тарғиби матбуот саҳми муассир гузоштааст. Таъкиди устод С. Айнӣ, ки дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» омадааст, далел бар ин гуфтаҳо буда метавонад: «Ҳама якдилу якзабон шуда, ҷанг ба домани рӯзнома занем, яъне ҳеҷ фурсатро аз даст надода ба воситаи рӯзномаҷот фикри худро танвир ва маълумоти худро тавсеъ намоем» .

Устод С. Айнӣ муҳим будани матбуот ва мактабҳои усули ҷадидиро барои ҷомеа таъкид намуда, мегӯяд, ки «агар ҳукумат худ дар сари ислоҳ бошад ва аз ман суол кунад, ки барои ислоҳоти Бухоро чӣ кардан лозим аст? Мегӯям: Ду чиз: Мактаб! Ҷарида».

Ҳамчунин маҷаллаи «Мулло Насриддин», рӯзномаи «Тарҷумон» аз Боғчасаройи Қрим, «Вақт» аз Оренбург, маҷаллаи «Шӯро» аз Уфа ва чанди дигар ба аморати Бухоро ворид мешуданд, ки дар вусъати андешаи мардум такон мебахшиданд. Бино ба шаҳодати С. Айнӣ «ин газетаҳо ба Бухоро ҳам омаданд ва дар афкори умумии Бухоро низ ҷаҳише ба вуҷуд оварданд».

Бисёр иттифоқ меафтод, ки рӯзномаву ҷаридот муҷиби ихтилофу зиддияте байни ҳокимони давр ва аҳли завқ мегардид. Вале ба ин ҳама адибони равшангар, ки худ аллакай ҷойгоҳи муҳим доштани матбуотро дар ҷомеа дарк намуда буданд, баҳри бо ҳар роҳҳо ворид намудани рӯзномаҳои хориҷӣ ба кишвар талош менамуданд ва ҳамчунон бо назардошти шароит даст ба таъсиси нашрияҳои тоза мезананд.

Воқеиятнигорӣ ва каломи муассири матбуот дар даҳаи аввали асри XX, пеш аз ҳама, ҳокимон, амалдорон ва рӯҳониёнро барои бастани рӯзномаҳо водор мекард. Чунончи, фаъолияту интишори кӯтоҳмуддати баъзе аз рӯзномаҳои даҳаи аввали асри XX, «Тараққӣ» (1906,17 шумора), «Шуҳрат» (1907,10 шумора), «Хуршед» (1906, 11-шумора) ва маҷаллаи «Красное солнышко» (1909,1 шумора) далели ин гуфтаҳоянд.

Маҷаллаи «Красное солнышко» нахустин маҷаллаи адабии сиёсие аст, ки дар шаҳри Хуҷанд моҳи январи соли 1909 дар ҳаҷми 36 саҳифа нашр гардид. Ин маҷалла пеш аз ҳама нашри осори адабӣ-бадеӣ, илмӣ, публитсистӣ ва бозгӯии умдатарин масоили мавҷудаи иҷтимоиро мавриди назар қарор медод, вале баъди нашри як шумора фаъолияти он боздошта шуд.

Нахустин нашрияи тоҷикӣ «Бухорои шариф» бо талошу ҷадали Мирзо Муҳиддин Мансуров, Мирзо Сироҷиддини Ҳаким баҳори (11-март) соли 1912 нашр гардид, ки асос ба матбуоти тоҷик гузошт. Аз нахустин шумора мушоҳида мешавад, ки аҳли эҷоди нашрия ҳадафи наҷиберо пайгирӣ намуда, таҷдиди ҷомеа ва ислоҳи мактабу мадорисро ҳадафи худ ба шумор меоварад. Тамоюли «Бухорои Шариф» – илмӣ, адабӣ, ахлоқӣ, фаннӣ, иқтисодӣ буда, маромаш тараққии бародарони ислом маҳсуб меёфт. Ба тазаккури равшангарон: «рӯзнома беҳтарин асбобе ҳаст дар нашр ва таълими маориф».

Рушди матбуотро дар ҷомеа аҳли равшангарон талаб намуда, талош ба он доштанд, то ҳарчӣ зудтар шумораи рӯзномаҳо афзуда, ба рушди ҷомеаи солиму маънавибунёд мусоидат намояд. Рӯзномаро барои ҳар миллату қавм зарур шуморида муаллифи «Рӯзнома» мегӯяд:

«Ҷаридаи ҳар миллат забони гӯёи ҳамон миллат аст ва миллате, ки ҷарида надорад гӯё забон надорад».

Ин андешаи хешро Мирзо Сироҷ бо он тақвият медиҳад, ки имрӯз дар мамолики пешрафтаи Шарқу Ғарб матбуот рушд намуда, дар ташаккул ва пешрафти афкори аҳли ҷомеа саҳми муассири хешро гузошта истодааст.

Дар боби мақом ва мартабаи рӯзнома зарурати он дар ҷомеа маводи ҷолибе нашр гардидааст, ки ин ҳамаро шарҳу эзоҳ медиҳад, рушди ногузири матбуотро талаб менамояд.

«Ойинаи ҷаҳоннамои ҳама халқи олам маълум аст, ки рӯзнома мебошад, рӯзнома чизест, ки ҳама мардумро аз зулмоти ҷаҳолат ва нодонӣ бароварда дохил ба рӯшноии илм ва ирфон месозад. Рӯзнома чизест, ки ҷумларо воқифи ҳоли ҳамдигар мекунад, агар моён имрӯз ҷароид хонем баъд мефаҳмем, ки зиндагонӣ ва маишати Аврупо чӣ гуна будааст».

Мирзо Ҷалол ба мавзӯи вазифаи матбуот рӯй оварда, андешаҳои ҷолиби худро баён намудааст. Ӯ мегӯяд, ки «вазифаи рӯзнома иборат аз шарҳ ва баёни масоили омма аст. Рӯзноманависро ҳам лозим аст, ки ҳамеша назараш дар фаҳмондани масоили улуми аҳолӣ бошад... Вазифаи назифаи рӯзнома ва рӯзноманигорӣ ихтору ахбор ва ашъори салоҳи умум аст. Бояд манфиати шахси хосе ва хотири як нафари махсусеро муроот намуда, зарари ҷамъро нахоҳад.» аз умдатарин вазоифи рӯзнома ба шумор меравад.

Мирзо Ҷалол чун сардабири нахустин нашрияи тоҷикӣ бо дарки зарурат ва моҳияти рӯзнома дар ҷомеаи он рӯз андешаву назарияи худро дар мавриди рӯзнома ва мақоми он дар рушди маънавиёту густариши ҷаҳонбинии омма баён намуда, чунин таъкид менамояд:

«Рӯзнома аввалин (аз) давлатҳои муаззама аст. Муаззамтар аз рӯзнома дар олам ҳукмдоре ва давлату салтанате нест. Рӯзнома раҳнамои мулку ақвом ва давлатҳову ҳукмдорон аст».

Яке аз фузалои машҳури он замон Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ пас аз қатъи нашри нахустин нашрияи тоҷикӣ баҳори (апрел) соли 1913 нашри рӯзномаи дузабонаи «Самарқанд»-ро оғоз намуд. Ин нашрия чун минбари баёни афкору ғояҳои пешрав дар муддати кӯтоҳ миёни хонандагон маҳбубият пайдо кард. Адибони маорифпарвар низ нашри ин рӯзномаро хуш истиқбол гирифтанд. Ин амр ба он вобаста буд, ки ин рӯзнома кору пайкори нахустин нашрияи тоҷикӣ «Бухорои шариф»-ро идома дода, чун нишон аз ҳастии миллат ва забони тоҷикӣ хидмат менамояд.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ин донишманди номвари тоҷик пас аз он ки нашрияи «Самарқанд» бо ҷурми хисорот ва зарари иқтисодӣ аз нашр боздошта шуд, бо дарёфти шароиту имконият ба нашри маҷаллаи бонуфузе оғоз намуд. Тобистони (20-август) соли 1913 нахустин шумораи маҷаллаи «Ойина» ба забонҳои форсӣ (тоҷикӣ) ва туркӣ нашр гашт. Ба гуфтаи ношир «Ойина» «маҷаллаи илмӣ, адабӣ, сиёсӣ, фаннӣ ва таърихӣ буда, он ахбори ҳафта, ҳаводиси тозаи ҷомеа ва оламро дар саҳифаҳояш мунъакис менамояд. Дарҷи навиштаҳои русӣ низ дар назар аст» ва ҳамчунон Беҳбудӣ, ба ҳамватанону ҳамзабонаш чунин хитоб кардааст: «Маҷалла аз они мо нест, аз они миллат аст».

Бояд гуфт, ки устод С. Айнӣ дар мавриди муҳим ва зарурати матбуот дар кишвар ба чунин хулосае омадааст: «Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст, қавми берӯзнома гӯё ки забон надорад».

Пас аз маҷаллаи «Ойина», маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» ва баъдан рӯзномаи «Овози тоҷик» нашр гардида, чун нишоне аз ҳастии миллат дар рушду ташаккули афкору ҷаҳонбинӣ ва вусъату густариши ниёзҳои маънавии ҷомеа хидмати арзандаеро анҷом доданд.

Дар маҷмӯъ, матбуоти тоҷикии ибтидои садаи XX дар бозгӯии воқеияти иҷтимоӣ-сиёсии Осиёи Марказӣ нақши босазо дошта, омӯзишу баррасии амиқро аз аҳли илму адаб хоҳон аст. Матбуоти тоҷикии ибтидои садаи XX манбаи боэътимодест, баҳри омӯзиши афкори ахлоқӣ-сиёсӣ, иҷтимоии ҷомеаи он замон, аз ин лиҳоз омӯзиши матбуоти он замон аз аҳамият холӣ нест.

**Абдуқодири АБДУРАУФ,**
**дотсенти кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии ДДХ ба номи академик Ғафуров.**

# СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Дахолати баъзеҳо ба корҳои дигарон далели он аст, ки як зиндагии шахсии пучу холӣ доранд.

**Роберт БЛОХ.**

Барои мо ба дунё омадани инсон кам аст, бояд Инсон бошем.

**Эдуард АСАДОВ.**

Агар дигарон ба ғайбати ту пардозанд, пас ту шахсият ҳастӣ. Дар ёд дор, ки одами бад мавриди муҳокима қарор намегирад ва муҷиби рашки дигарон намешавад.

***

Пирӯзии бузургтарин бахшидан аст.

**Фридрих ШИЛЛЕР.**

Бонк ҷоест, ки ба шумо дар рӯзҳои софу офтобӣ чатр медиҳад, вале вақте ки борон шиддат пайдо кард, баргардондани онро талаб менамояд.

**Роберт ФЛОСТ.**

На аз марг, балки аз зиндагии пучу холӣ бояд тарсид.

**Б. БРЕХТ.**

Гуноҳ кардан аз сахтии дил, сахтии дил аз гуноҳи зиёд, гуноҳи зиёд аз орзуи бисёр, орзуи бисёр аз фаромӯшии марг, фаромӯшии марг аз дилбастагии зиёд ба молу давлат, дилбастагии зиёд ба молу давлат сарғози ҳамаи хатоҳост.

**УМАР (разияллоҳу анҳу)**

Дар зиндагии тираву тор чеҳраи рӯшанфикрон ба назар рӯшантар ҷилва мекунад.

**Эрих Мария РЕМАРК.**

Кори ман гуфтани ҳақиқат аст, на водор намудани дигарон ба бовар кардани он.

**Жан-ЖАК РУССО.**

Дар он ҷое, ки ҳама кӯзпуштанд, хушқаду қомат будан маъюбии модарзодӣ ба назар мерасад.

**Оноре де-БАЛЗАК.**

Ранҷу озори дигаронро фаромӯш кунед, вале доимо некиашонро дар ёд доред.

**КОНФУТСИЙ.**

**Тарҷума ва таҳияи А. СУБҲОН.**

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо

# АРЗИШҲОИ МЕРОСӢ

Баъзан, беихтиёр, айёми бачагӣ ба ёд мерасад. Дар дашт бошишгоҳ доштем. Дар ҳамсоягии мо як марди қазоқ зиндагӣ мекард. Оилаи онҳо низ ҳар тобистон мисли мо хайма мезад ва бо чорвопарварӣ машғул мешуд. Мо аз бошишгоҳи зимистона ба ин ҷо кӯч мебастему юрта месохтем. Юртаро хиргаҳ ҳам мегуфтанд. Он аз ходаву чӯбҳои борики дароз ва ба ҳам баставу печида иборат буд. Болояшро бо намад мепӯшонданд ва бо ресмонҳои махсус мебастанд. Юрта дар тобистон салқиниро нигоҳ медошт. Ҳамсояҳои қазоқи мо – Умбет, ҳамсараш Қандчой, додараш Тӯрахон ва фарзандонаш аз кӯчида омадани мо хурсандӣ мекарданду барои ҷобаҷокунии кӯч ёрӣ мерасониданд. Ба меҳмонӣ мехонданд, меҳмон мешуданд. Дар қишлоқи Отақӯрғон бародари калонии Умбет – Ҷӯрабой ба сар мебурд. Ӯро Ҷӯрабой-қаҳрамон гуфта ном мегирифтанд. Зеро дар соҳаи чорво сидқидилона кор карда, сазовори унвони қаҳрамонӣ шуда буд. Баъди гузаштани ду-се моҳ мо боз барои кӯчидан ба бошишгоҳи зимистонаи худ, ки дар қарибии кӯли Айдар воқеъ буд, тараддуд мекардем. Ҳамсояамон моро бо чашмони пурашк гусел менамуд.

Солҳо сипарӣ шуданд. Акнун айёми бачагӣ хобу хаёлеро мемонад. Эҳтимол фарзандони он оила дар куҷое умр ба сар мебаранд. Бештари қазоқон ба Қазоқистон кӯч бастанд. Онҳо асосан дар маҳаллаҳои Отақӯрғон, «Қизилқум»-и ноҳияи Фориш, «Чимқӯрғон», «Темирязев»-и ноҳияи Зафаробод ва шаҳраки Гагарини ноҳияи Мирзочӯл буду бош доштанд.

Замоне бо тақозои тақдир дар шаҳраки Гагарин зиндагӣ кардам. Ҳоло дар маҳаллаи Қизилқум буду бош дорам. Рӯзи хотира ва қадр, дигар идҳо бародарони қазоқ ба зиёрати ватани бобоии худ меоянд, ба қабристонҳо рафта, ба рӯҳи наздикони худ тиловат, манзили азалии хешро тавоф мекунанд. Ба соҳибони ҳозираи ин мавзеъ, ки онро хеле обод карда, боғу токзор барпо намудаанд, миннатдорӣ баён месозанд.

– Ман дар ҳамин макон ба дунё омадам, камол ёфтам, – мегӯяд сокини ҷамоати шаҳрвандони «Қизилқум», фаъоли маҳалла Дархон Шубаллаев. – Бисёриҳо аз ин ҷо кӯчида рафтанд, аммо ману додаронам мондем. Оё аз ин ҷо дил кандан осон аст?! Марди давлатманду обрӯманд, пешвои маҳалла Сарсенбой Есимов ҳам дар ватани худ монд. Зиёда аз навад сол умр дид. Порсол ба хок супоридем. Номи ӯро ҳама бо некӣ ёд мекунанд. Замоне ӯ барои кашидани гази табиӣ, асфалтпӯш намудани роҳҳои дохилӣ хидмати калон кардааст.

– Бо тоҷикону ӯзбекон бародарвор зиндагӣ мекунем, аз онҳо ҳаргиз бадӣ надидаем, – нақлашро давом медиҳад Дархонака. – Акнун ба ҷавонон омӯзонидани ин фазилатҳои меросӣ вазифаи асосии мо – калонсолон аст...

Дарҳақиқат, имрӯз тоҷик бо ӯзбек, ё баръакс ӯзбеку тоҷик қудоянд. Тоҷикону ӯзбекон ва қазоқон ба ҳам риштаҳои мустаҳками дӯстӣ бастаанд, ки ногусастанист. Чорабиниҳои фарҳангӣ, иду ҷашнвораҳоро даст ба дасти ҳам якҷо мегузаронанд.

– Ман ба раиси маркази миллию фарҳангии русҳо Александр Скрипкин ҳамеша «дӯстам» гуфта, муроҷиат мекунам, – мегӯяд раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов. – Бо раиси чунин маркази бародарони қазоқ Утепов дӯсту бародарем.

Дарвоқеъ, дӯстӣ неъмати бебаҳо ва бузург аст. Он феълан бо азму иродаи сарварони кишварҳо мустаҳкамтар мегардад. Мебояд, ки онро ҳамеша ҳифз кунем.

Алҳол мусобиқаҳои футбол баҳри дарёфти Ҷоми Осиё идома дораду ҷавонон, алалхусус, бозиҳои тимҳои мунтахаби Ӯзбекистону Тоҷикистонро бо завқ тамошо мекунанд ва ба ҳарду даста пирӯзиҳо мехоҳанд. Аз шабакаҳо мебинем, ки футболбозони кишвари ҳамсоя баъди пирӯзӣ аз дасти ҳаводорон парчами давлати худ – Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро низ гирифта, баланд мебардоранд. Ин аст, қудрати варзиш, неъмати дӯстӣ, мегӯям худ ба худ.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ҶАВОНОНИ ФАРҒОНА БА ОЛМОН РАФТАНД

***Як гурӯҳ ҷавонон аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Фарғона, ки дар маркази забономӯзии «Wegweiser» таҳсил кардаанд, ба Олмон фиристода шуданд.***

Мутахассисони ин маркази забономӯзӣ дар муддати се сол ба беш аз 2 ҳазор нафар ҷавонони вилоят забони немисӣ омӯзонидаанд. Маҳз аз ҳамин ҳисоб гурӯҳи 250 нафарии ҷавонони фарғонагӣ чанде пеш барои таҳсил ё кор озими Олмон шудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

Андешаҳо

# ГӮЯМ, Ё НАГӮЯМ...

Китоб хазинаи маънавии инсон аст. Шахсе, ки китоб мехонад ва ё бо он сарукор дорад, албатта, хулқу атвори неку рафтори муносибро дорост. Китоби дарсӣ, китобест, ки хонанда аз он илму дониш мегирад ва ҷаҳонбинии худро бунёд месозад. Оиди китобҳои дарсии мактабҳои тоҷикӣ борҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва рӯзномаҳо мулоҳизаву пешниҳодҳо дарҷ шуд. Вале аз тарафи масъулони ин соҳа саъй ва кӯшиш нашуд. Имрӯз омӯзгорон чӣ кор карданашонро намедонанд. Адабиёти синфи 10 то ҳол дастрас нашудааст. То нимсола аз рӯйи нақшаи нав мавзӯъҳоро пайдо намуда гузаштем. Азбаски хонандагон дар хона китоби хонданӣ надоштанд, пас аз нимсола боз аз рӯйи китоби кӯҳна кор бурданро ба роҳ мондем. Имрӯз омӯзгорону хонандагон ҳайрони онанд, ки имтиҳонро аз рӯи кадом китоб месупоранд. Омӯзгор тоифа гирифтанаш лозим, хонанда бошад, алалхусус, хонандаи синфи 11 барои дохил шудан ба муассисаҳои таълими олӣ тайёрӣ диданаш зарур. Чӣ бояд кард? Ин дард қариб ҳамаи омӯзгорони дигар ихтисосҳоро низ ранҷ медиҳад. Дигар ин ки адабиёти синфи 10-ум то ҷое аз адабиёти нав, ки бо воситаи шабакаҳо дида баромадем, бартарӣ дорад. Дар адабиёти кӯҳна симоҳое оварда шудаанд, ки то ин дам хонанда кам огоҳ буд. Баҳра бурдан аз ашъори Саноиву Аттор, Румӣ ва ғайра чанд соли аввал имкон надошт. Инчунин тарзи баён то дараҷае аз китобҳое, ки дар Тоҷикистон чоп шудаанд, душворанд. Барои чӣ? Одатан таърифҳое, ки оиди ин ё он ҳиссаи нутқ, аъзоҳои ҷумла ва ғайра оварда шудаанд, ба фаҳмиши хонанда номувофиқанд. Имрӯз хонанда торафт бо сабабҳои гуногун аз китоб дур шуда истодааст ва ё китоб намехонад. Бар замми ин, тарзи баёни китобҳо мушкил. Ҳатто имрӯзҳо омӯзгорон аз хондан дуранд, намехоҳанд хонанд. Омӯзгоре, ки аз забони адабӣ огоҳ аст, мефаҳмад. Хонанда-чӣ? Ҳама забоншинос ё омӯзгор намешаванд. Барои шавқу завқи хонандаро бедор кардан китобҳо ба забони адабӣ, содаву кӯтоҳ бояд навишта шаванд. Муаллифони китобҳо ҳама шахсони соҳаи илманд. Бисёр омӯзгорон медонанд, ки чанд сол боз ҳамин аҳвол. Одат кардаанд. «Об аз таги пул гузарад шуд» – шиор шудааст. Аз гуфтан, ё нагуфтани мо чӣ суд? Ба фикрам ин муаммо то андозае хонандаи тоҷик, омӯзгоронро аз китобхонӣ дур карда истодааст.

Боқӣ, Худо инсоф диҳад.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯка.**
*Вилояти ТОШКАНД.*

Дар нигористон

***Солҳои охир бо ташаббуси роҳбари давлат барои равшан намудани ҳаракати ҷадидон, равшанфикрон ва намояндагони илму маърифат як қатор чораву тадбирҳо баргузор мегарданд.***

# «РОҲИ ХОТИРА»

Дар галереяи санъати тасвирии Ӯзбекистон намоиш бо номи «Роҳи хотира« ташкил гардид, ки дар он фотосуратҳо, ҳуҷҷатҳо ва фикрҳои ҷадидон-маърифатпарварони охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҷой гирифтаанд. Онҳо ба тараққиёти ҷамъият, барқарор намудани давлати демократӣ ҷонбозиҳо кардаанд.

Ҳуҷҷатҳои расмӣ, ашёҳои шахсӣ, ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии давр, фикрҳои равшанфикрон доир ба мактабҳои усули нав, санъати театрӣ, матбуоти давр, баробарии гендерӣ, сулҳу осоиштагӣ барин масъалаҳо нигаронда шудаанд, ки бешак, ба амиқ дарк намудани ҳаракати ҷадидон, ҳис намудани рӯҳияи ҳамон давр кумак мерасонад.

Намоиш то 18 феврали соли ҷорӣ идома хоҳад ёфт.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

# ЖАНРИ ЛАТИФА

Латифа (шухӣ, мутоиба, сухани бозарофат, сухане, ки дорои мазмуни амиқ ва нозук аст) — дар фолклор ва адабиёти хаттии тоҷик аз қадим чун жанри мустақил ва маъмули насри бадеӣ вуҷуд дошт ва ҳоло низ дар авҷи инкишоф мебошад. Дар латифа на як ҳодисаи муайян, балки як лаҳзаи хурди воқеаи мухтасар ишора меёбад. Яъне латифа танҳо як лаҳзаро дар бар гирифта, дар он инкишофи воқеа ва характери қаҳрамонон дида намешавад. Латифа аксаран бе муқаддимаву хотима ва бе тайёрии махсус, бадоҳатан гуфта мешавад.

Дар байни мардуми тоҷик ҳикояҳои кӯтоҳе ҳастанд, ки ширину латиф ва ҳаҷвомез буда, дар ҳар як нишасту маҳфил, маърака, баъзан кӯчаву бозор ва дигар мавзеъҳо байни дӯстону ҳамкорон барои хушҳол намудани табъу хотир гуфтаву шунида мешаванд. Ин ҳикояи хурдҳаҷми эпикиро латифа меноманд, ки дар шароити имрӯза яке аз жанрҳои фаъол буда, нисбат ба жанрҳои дигари насри шифоҳӣ, масалан афсонаву қисса, корбурди бештаре дорад. Дар латифа қариб ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёт ва воқеаҳои рӯзгор ба тарзи бадеӣ ва бо оҳанги ҳаҷвомез инъикос меёбанд. Ҳатто хурдтарин ҷузъиёте, ки дар зиндагии мардум аҳамияту арзише дорад, ё худ лавҳаву лаҳзаҳои гуногуне, ки дар муносибати ҳаррӯзаи одамон мушоҳида мешаванд, дар мазмуни латифаҳо бозтоб мегарданд. Қаҳрамонони асосии латифаҳои тоҷикӣ Мулло Мушфиқӣ, Насриддин Афандӣ мебошанд. Силсилаи бузурги латифаҳои халқии тоҷик аз номи ин ё он маҳал гуфта мешаванд. Вале дар адабиёти хаттӣ номи персонаж ва қаҳрамонони зиёди ҳаҷвӣ, аз қабили Баҳлул, Абунувос, Хуҷа, Талхакро дучор мекунем, ки баъдтар бо номи Хоҷа Насриддин иваз шудаанд.

Дар латифаҳои тоҷикӣ персонажҳои маъруф Насриддин Афандӣ, Мушфиқӣ, Кали зирак ва чанде дигар ҳамеша бо рафторҳои хандаовару зарофатҳои намакин камбудиҳои фардӣ ва иҷтимоиро танқид карда, мардумро шоду хурсанд ва ба зиндагӣ дилгарм менамоянд. Тавассути латифаҳо хислату ниҳодҳои хубу бади тоифаҳои мухталифи одамон бозгӯ мешаванд, чунончи: зиракию сухандонӣ, ҳозирҷавобӣ, инчунин хулқу хисоли манфӣ, аз ҷумлаи танбалию муфтхӯрӣ, мардумозорӣ ва содагию ҷоҳилии баъзе инсонҳо мундариҷаи латифаҳоро фаро гирифтаанд.

Чунончи:

*Рӯзе зани Афандӣ ҷомашӯӣ мекард, ки нохост зоғи сиёҳе омада, аз пеши тағораи вай собуни нисфшударо гирифта меравад.*

*Зани Афандӣ фарёд зада ба шавҳараш мегӯяд:*

*– Шумо чӣ хел мардак, ки зоғ собуна бардошта рафту шумо чизе нагуфтед?*

*Афандӣ мегӯяд:*

*– Чаро ин қадар дод мегӯӣ, намебинӣ, ки либоси вай аз либоси мо ҳам сиёҳтару чиркинтар?! Мон, ки вай бечора ҳам собунро бурда, либосашро шӯяд!*

Сухан дар латифаҳо хеле кӯтоҳу мӯҷаз баён мегардад. Аз саноеъи бадеӣ бештар муболиғаву иғроқ барои дилчаспу хандаовар шудани мазмун ва баъзан таҷнис, тазод ва тавсифҳо барои кушодани моҳияти мундариҷаи латифа кумак мерасонанд.

*Аз Афандӣ пурсиданд, ки:*

*– Чаро одамон ба ҳар тараф меравconfigured?*

*Афандӣ:*

*– Ҳамаи одамон агар ба як тараф нигоҳ карда раванд, як тарафи замин вазнин шуда, чаппа мешавад.*

Латифа аз он жанрҳоест, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ ба вуҷуд меояд. Яъне ҳар ҳодисаи дар рӯзгор рӯйдиҳанда зуд ба интиқод, ҳазлу шӯхӣ ва вокуниши мардум дучор гашта, ниҳоят дар шакли нисбатан бадеӣ ва устувор – қолиби латифа ҷамъбаст мешаванд. Дар бораи шахсони маъруф, санъаткорон, сиёсатмадорон, сарватмандон ва табақаҳои дигари иҷтимоӣ имрӯзҳо намунаҳои нав ба нави латифаҳо эҷод ва паҳн мешаванд, ки аз зиндаву фаъол будани ин жанр гувоҳӣ медиҳанд. Лозим ба зикр аст, ки дар нашрияҳои матбуоти имрӯза, чи ба забони тоҷикӣ ва чи дигар забонҳо, ҳар ҳафта садҳо латифа ба табъ мерасанд, ки баъзеи онҳо намунаҳои мардумӣ ё худ сирф фолклорӣ буда, қисми дигарашон соҳибмуаллифанд. Дар натиҷаи гардишхӯрӣ баъзе намунаҳои латифаҳои чопшуда ба репертуари гӯяндаҳои мардумӣ дохил мешаванд. Яъне дар интиқол ва суфташавии баъзе латифаҳо воситаҳои ахбори омма нақши муҳим доранд. Чунончи, намунаи латифаҳои анъанавиро имрӯзҳо дар шакли намоишӣ (масалан, дар барномаҳои «Лаҳзаҳои гуворо», «Хандинкамон», «Шакарханд», «Шӯхиҳои Аловуддин» ва ғайра), дар шакли барномаҳои радиоӣ ва дар саҳфаҳои матбуоту шабакаи интернет мушоҳида карда метавонем.

***

*Дар тарабхона пешхидмат аз марде, ки бо занаш омадааст, мепурсад:*

*– Завҷаи шумо чӣ менӯшад?*

*– Хуни маро, – ҷавоб медиҳад мард.*

***

*– Дугона, шунидам, ки аз шавҳарат ҷудо шудаӣ?*

*– Магар ту бо одаме, ки пайваста пул мепурсаду дар хона ягон корро иҷро намекунад, зиста метавонӣ?*

*– Не, наметавонам!*

*– Ана ҳамин хел, шавҳари ман ҳам натавонист.*

**С. БЕКНАЗАРОВА.**

Сулола

# БЕСАБАБ «ҲАЙИТКАНТӮР ШАВЕ» НАМЕГӮЯНД

***Ҳар замону ҳар макон шахсони чашмикордону соҳибкори худро дорад, ки бо фаъолияти кории худ одамонро бо касбу кору неъмати рӯзгор таъмин менамоянд. Яке аз чунин шахсони маъруфи шофирконӣ Атобойи рангрез мебошад, ки дар деҳаи Қӯрғони Вардонзеи ин ноҳия ба дунё омада, дертар бо ҳалолкорию одамдӯстии худ сазовори эътибору эътирофи мардум гардидааст.***

Пас аз истилои Бухоро аз тарафи подшоҳии Русия роҳи савдо бо ин мамлакат васеътар шуду бозорҳои маҳаллӣ бо маҳсулоти нисбатан арзону босифати дар шаҳрҳои марказии ин давлат истеҳсолшуда пур гардид, ки аз ин ҳол ҳунармандони таҳҷоӣ ба касод вохӯрданд.

Бинобар ин Атобой бо якчанд ҳунармандони маҳаллӣ роҳи ин мамлакатро пеш гирифту муқими шаҳри Қазалӣ шуда, ба фабрика ба кор даромад. Дар ин ҷо рангҳое, ки ба матоъ пахш мегардид, асосан аз Аврупо оварда мешуд. Атобой ба аҳли ҷамоа аз растаниҳо тайёр кардани рангҳои босифатро омӯзонд. Ин кор бисёр маблағи фабрикаро, ки барои хариди ранг мерафт, сарфа намуду Атобой бо ин ҳунараш ном баровард. Аз ин сабаб, ба номи ӯ лақаби «кӯкчӣ»-ро ҳамроҳ кардаанду ӯро Атокӯкчӣ номидаанд.

Овони бачагии писари Атобой Ҳайит низ дар ин ҷо паси сар шуд. Ҳайит баробари забони модарӣ забонҳои ӯзбекӣ, қазоқӣ ва русиро азхуд кард. Дар айёми салтанати амир Абдулаҳад Атобой ёди Ватан карду ба Қӯрғони Вардонзе баргашт, аммо дидани оламу мулоқот бо одамони гуногунмиллат ва омӯзиши якчанд забон ҷаҳонбинию фаҳмиши вайро ба дараҷаи куллӣ дигаргун карда буд. Ӯ аз истиқомат дар шаҳраки Қӯрғони Вардонзе даст кашида, барои зиндагонӣ деҳаи Саврак (Саррафт)-ро, ки дар доманаи Қӯрғони Вардонзе воқеъ буд, ихтиёр намуд. Азбаски аз ин ҷо рӯдҳои Султонобод ва Додбоғ, ки яке аз байн ва дигар аз қисми ҷануби деҳ ҷорӣ буданд, мушкилоти об набуд.

Падару писар бо деҳқонӣ шуғл варзиданд, аммо Ҳайит ба шароити вазнини тоқатфарсо розӣ шуда натавониста, охирон бо ду-се ҷӯраи ҳаммаслак роҳи Қазалиро пеш гирифт. Соле як ё ду маротиба хона омада мерафт. Ин омадурафтҳои вай ӯро ошнои пешқадамони замон – савдогарон бинмуд. Кам-кам аз байни доираҳои сиёсӣ ошноию ҳаммаслакон пайдо кард. Ин кор то дараҷае рафта расид, ки ӯ гурӯҳҳои мардикорони аморати Бухоро фиристодаро то ҷойи корашон бурда мемонд. Бехатариву амнияти ононро таъмин намуда, қафо мегашт ва гурӯҳи навбатиро аз аморат гирифта мебурд.

Вақте ки дар Русияи подшоҳӣ паси ҳам инқилобҳо рӯй доданду аморати Бухороро низ аждаҳои инқилоб дар доми худ даркашид, вай ба ҳузури пешвои инқилоб Ленин якчанд маротиба даромада, аввал барои мардуми Бухоро 7 дона, сонӣ барои аҳли Чорҷӯй боз 7 адад осиёбҳои мотордор мепурсад.

7-тои осиёбҳои замонавиро, ки ӯ аз ҳукумати Русия ситонида тавонист, ба ноҳияҳои Вобканду Шофиркон ва 7-тои боқимондаро ба Чорҷӯй, ки он вақт дар таркиби Республикаи Халқии Бухоро буд (ҳоло вилояти Чорҷӯйи Туркманистон), бурда мешинонад ва писари калониашро ҳамчун назораткунандаи ин ҷо таин мекунад.

Дар солҳои Сиёсати нави иқтисодӣ (НЭП) идораи ордкашӣ – «Атокӯкчӣ –Ҳайит контора»-ро созмон дода, бисёр аҳолии маҳаллиро ҳунар омӯзонида бо кор таъмин менамояд. То ҳол мардуми Шофиркон агар каси чашмикордону ӯҳдабароро бинанду қойил шаванд, беихтиёр «Э, қандата зан, Ҳайиткантӯр шаве!» мегӯянд, ки аз шӯҳрати як аср пешинаи ин ҷавонмард шаҳодат медиҳад.

Дар солҳои сиюми асри гузашта «абрҳои сиёҳи» сиёсати шӯравӣ ба болои сари Ҳайит низ чарх мезанад. Ӯро бо аҳли оилааш ба Қафқоз бадарға мекунанд. Ӯ тавоноиашро ба кор мебарад... Пас аз якчанд муддат ӯро ҳамчун назоратчии бадарғашудагон таъин менамоянд. Ҳайит то дараҷае шомили боварии онон гардида, кӯшиш намуд, ки тарзи зиндагии ҳамватанон беҳтар гардад. Онҳо дар доманаи кӯҳ барои худ хонаҳои сангин сохта, ба ҳоли қудрат умргузаронӣ менамуданд.

Дар яке аз рӯзҳои соли 1937 Ҳайитро барои супоридани гурӯҳи навбатии бадарғашудагони ӯзбекистонӣ ба маркази ноҳия даъват менамоянд. Ҳайит дар ин ҷо касеро мебинад, ки чандин сол пеш барои «қулоқ» карданӣ вай басо «ҷонбозӣ» карда буд. Азбаски мусофирон дар роҳ бисёр азоби рӯҳиву ҷисмонӣ кашида буданд, Ҳайит кӯшиш мекард, ки онҳо базудӣ бо хӯроку хонаву ҷой таъмин гарданд... Он мард бошад, ба пойи Ҳайит афтода нолакунон узр мехоҳад...

Ҳайит бадарғашудагонро ба сабру таҳаммул даъват намуда мегуфт, ки Офаридгор ризқи моро дар ин ҷо пошидааст ва мо бояд нону намакамонро аз ин ҷо дарёбем!

Пас аз як сол Ҳайит умраш, ки ба остонаи як аср расида буд, дар Қафқоз дар мусофирӣ вафот кард. Ӯро бо иззату икром дафн карданд.

Пас аз муҳлати бадарға оилаи вай ба Ватан баргашт. Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ яке аз фарзандони вай дар остонаи Маскав ҳалок шуда бошад, писари дигараш дар шикастани муҳосираи Ленинград иштирок карда, бо якчанд мукофот ба зодгоҳ баргашт.

Он солҳо писари хурдӣ дар Шофиркон осиёби падарро азнав таъмир карда, кор фармуд. Солиёни дароз дар корхонаи барқии ноҳия меҳнат карда, моҳи ноябри соли 2020 дар синни 97 вафот кард.

Ҳоло набераю абера ва пайвандҳои Ҳайиткантӯр дар ноҳияи Шофиркону Когон ва шаҳри Бухоро умргузаронӣ мекунанду бо бобояшон Атокӯкчӣ ифтихор доранд.

Дарвоқеъ, ҳамаи онҳо номи бобокалонашонро эъзоз намуда, то ҳол дар ҳамин фамилия ҳастанд.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
*вилояти Бухоро.*

# ТАЪЛИМИ ТИББӢ ДАР ОЛАМИ ВИРТУАЛӢ

*Ба ҷараёни таълими Донишкадаи тиббии сиҳатии ҷамоаи Фарғона технологияҳои пешқадами ба воқеияти виртуалӣ асосёфта ҷорӣ гардид. Арзиши лоиҳаи “Таълими тиббӣ дар олами виртуалӣ” 300 миллион сӯм буда, аз ҳисоби маблағҳои буҷаи маҳаллии вилоят маблағгузорӣ шудааст.*

*Лоиҳа барои донишҷӯёни мактабҳои оливу омӯзишгоҳҳои тиббӣ ҷиҳати омӯхтани узви бадани инсон, ки ба воқеияти виртуалии 3D асос ёфтааст, пешбинӣ шудааст.*

*Бо кумаки лабораторияи виртуалӣ имконияти истифодаи таҷҳизотҳои наву замонавӣ пайдо мешавад. Маблағҳое, ки барои ҷиҳозонидани лаборатория пешбинӣ шудааст, сарфа карда мешавад. Аз ҳама муҳимаш, барномаи бисёрзабонӣ барои донишҷӯёни хориҷие, ки дар мамлакати мо таълим мегиранд, қулаиҳо фароҳам меоварад.*



***Дар сурат:*** *дар Донишкадаи тиббии сиҳатии ҷамоаи Фарғона.*
***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

Брифинг

# ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ 55 ЛОИҲАИ НАВ ТАТБИҚ ХОҲАД ШУД

***Соли 2023 ба Самарқанд 2 миллиону 150 ҳазор сайёҳони хориҷӣ ва 4 миллиону 500 ҳазор сайёҳони маҳаллӣ омаданд. Содироти хадамоти сайёҳӣ 406 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст.***

Дар ин бора дар брифинг, ки бо иштироки ҷонишини ҳокими вилояти Самарқанд Рустам Қобилов дар мавзӯи «Корҳое, ки соли 2023 бобати васеъ кардани доираи хидматҳои сайёҳӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ дар соҳа амалӣ гардиданд ва нақшаҳо барои соли 2024» баргузор гардид, маълум карда шуд.

— Ҳоло дар вилоят 164 меҳмонхона, 352-то меҳмонхонаи оилавӣ ва 91-то хостел мавҷуд аст, — гуфт Рустам Қобилов. — Дар давоми соли гузашта фаъолияти 25 меҳмонхона, 39 хостел, 54 меҳмонхонаи оилавӣ ва 103 ширкати сайёҳӣ ба роҳ монда шуд. Инчунин, 16 маркази ахбори сайёҳӣ барои сайёҳон кор пеш мебаранд, дар соҳаи туризм 67 лоиҳа бо арзиши умумии 1,5 триллион сӯм татбиқ гардида, дар ин самт 1026 ҷойи нави корӣ ташкил карда шуд.

Дар брифинг роҷеъ ба вазифа ва нақшаҳо дар соли 2024 низ маълумот дода шуд.

Таъкид гардид, ки соли ҷорӣ ба 2,5 миллион нафар расонидани шумораи ташрифи сайёҳони хориҷӣ дар назар аст. Инчунин, беш аз 40-то фестивали сайёҳии байналмилалӣ ва маҳаллӣ, 15 маротиба инфо-турҳо бо намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ гузаронида мешавад.

55 лоиҳаи нав бо арзиши умумии 751,1 миллиард сӯм татбиқ гардида, беш аз ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда мешаванд.

Аз ҷумла, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Оқсойи ноҳияи Нуробод аз тарафи корхонаи хусусии «Samarkand kanat yo`llari» дар 10 гектар майдон маркази хидматрасонии сайёҳӣ бунёд мегардад.

Дар шаҳри Самарқанд аз тарафи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Qora-ko`l Stroy Engineering» меҳмонхона, ресторан, кафе ва нуқтаҳои савдою хидматрасонӣ сохта мешаванд.

Дар моҳи март «Ҳафтаи сайёҳии ҷавонон», моҳи июл «Моҳонаи сайёҳии ҷавонон» ва дар моҳи ноябр «Моҳонаи сайёҳии пиронсолон» доир мегарданд.

**Ф. ЮЛДОШЕВ.**
*САМАРҚАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 4240. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.